# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-024 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Мамадқулова Рано Олимовна дар мавзуи «Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон (охири асри XX - аввали асри XXI): шароитҳо ва хусусиятҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих)

Комиссияи ташхис дар ҳайати доктори илмҳои таърих, профессор Олимов Музаффар Абдуваққосович (раис), доктори илмҳои таърих, профессор Турсунов Турсунмурод Худоймуродович, доктори илмҳои сиёсӣ Муродова Нигина Сулаймоновна бо таҳқиқоти диссертатсионии **Мамадқулова Рано Олимовна дар мавзуи** «Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон (охири асри XX - аввали асри XXI): шароитҳо ва хусусиятҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ шинос шуда, хулосаи зеринро пешниҳод мекунад.

Диссертатсияи Мамадқулова Рано Олимовна ба таҳқиқи мавзуи шароит ва хусусиятҳои ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон дар охири асри XX - ибтидои асри XXI бахшида шуда, мубрам ва дорои аҳаммияти илмӣ мебошад. Муаллиф дар таҳқиқоти илмӣ сарчашмаҳои марбути мавзуъ, аз осори муҳаққиққони тоҷик, узбек ва дигар муҳаққиқони пасошуравӣ, маводи бойгониҳои давлатии ду кишвар ва матбуоти ватаниву хориҷӣ васеъ истифода бурдааст. Диссертатсия таҳқиқоти мустақилона буда, бо талаботи услуби илмӣ мувофиқ аст. Инчунин, мақсад ва вазифаҳои илмии дар назар дошта шуда ба таври комил иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳои муаллиф асоснок карда шудаанд.

**Мубрамии омӯзиши мавзуи таҳқиқ** аз он иборат аст, ки гарчанде дар таърихнигории ватанӣ оид ба робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Узбекистон солҳои пешин диссертатсияву монографияҳои бисёре ба табъ

расидаанд, вале дар аксарияти онҳо мушкилот ва ихтилофоти дар байни ду кишвар буда, таҳлили худро наёфта буданд. Ва аз ин ҷиҳат метавон гуфт, ки тадқиқоти мазкур тадқиқотҳои пештараро пурра карда, ҳамчунин раванди бартараф кардани мушкилот ва муътадил гаштани робитаҳо ва то ба сатҳи шарикии стратегӣ расидани онҳо муфассал нишон дода шудаанд.

**Навгониҳои илмии** таҳқиқоти диссертатсионӣ ба омӯзиши амиқ, таҳлил ва таҳқиқи шоиста, тавсифи объективии шароитҳо ва имконият҆ои амалии ҳамкории давлатҳои таҳқиқшаванда асос ёфта, аз бахшҳои сиёсат, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмию маърифатӣ, фарҳангӣ, адабӣ, энергетикӣ, меллиоратсия ва обёрӣ, кишоварзӣ, нақлиёт, сайёҳӣ иборат мебошанд. Навовариҳо дар таҳлилу таҳқиқ дар он зоҳир мегарданд, ки замони омӯзиш ва баррасиҳо басо мураккаб ва тезивазшаванда буда, дар ҳама гуна ҳолат муаммоҳо ва масъалаҳои иҷтимоӣ ва сиёсиро ба мадди аввал мебароранд. Инчунин, навгониҳои илмии таҳқиқот дар он дида мешавад, ки муаллиф дар нигориши мавзуъ сарчашмаҳои камомӯхта ва ноомӯхташударо истифода кардааст. Методи нави ҳалли масъалаҳои гузошташуда, таҳлили воқеаҳои давраи таҳқиқшаванда, аз ҷумла, роҳу равиш ва механизми аз байн бурдани монеаҳои вуҷуд дошта, инчунин хулосабарориҳои мантиқӣ оид ба масъалаҳои баназар гирифташуда дуруст асоснок шудааст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он асоснок карда шудааст, ки пеш аз ҳама барои омӯзгорони соҳаҳои таърих, сиёсатшиносӣ, мардумшиносӣ дар муассисаҳои таълимии олии касбӣ, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мебошад, зеро дар он заминаҳо, ҷанбаъҳо, равандҳо, шароит ва имкониятҳои ҳамкориҳои мутақобилан судманди кишварҳои ҳамҷавор таҳлил ва таҳқиқ карда шудаанд. Баробари ин, таҳлилҳо, хулосаҳо ва натиҷаҳои мавзуи баррасишуда метавонанд барои муҳаққиқони ҷавон дар омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои монанд ва наздик ҳамчун дастури назариявии такягоҳӣ хизмат кунанд.

**Аҳаммияти амалии диссертатсия** дар муҳиммияти истифодаи фаъолияти ҳаррӯзаи мутахассисони соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ зуҳур меёбад. Азбаски дар рисола шароит, хусусият ва имкониятҳои ду ҷумҳурӣ таҳқиқ шудаанд, масъулони соҳаҳо метавонанд дар асоси тавсия ва пешниҳодҳои ироашуда фаъолияти хешро ба роҳ монанд. Азбаски замони ҷаҳонишавии робитаҳо уфуқҳои тозаи ҳамкориҳоро равшан мегардонад ва шароити амалии ҷадид ба миён меояд, таҷрибаи андӯхтаи ҳамкориҳои мутақобилан судманди Тоҷикистон ва Узбекистон дар ин марҳала мазмуни амиқ касб намуда, паёмади хуше ба бор меоваранд ва намунае барои дигар ҳамсояҳо мебошанд. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро дақиқияти маълумот, кофӣ будани ҳаҷми маводи тадқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои тадқиқот ва ҳаҷми интишорот, усулу равиши гузаронидани таҳқиқот таъмин кардаанд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ манзур карда шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаб** дар таҳияи номи мавзуъ, нақшаи кор, ҷамъоварӣ ва коркарди мавод, таҳлили ҳамаҷонибаи вазъияти сиёсию геополитикӣ, минтақавӣ ва дохилии ҷумҳуриҳои таҳқиқшаванда, таҳлили адабиёти мавҷуда, ба илм ворид сохтани маводи нав, таҳлили шароит ва хусусияти ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон зоҳир мешавад.

Диссертатсия натиҷаи таҳқиқи чандинсолаи диссертант ба ҳисоб рафта, андешаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ мустақилона иҷро шудааст. Саҳми шахсии унвонҷӯ бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, ичунин тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия ифода меёбад.

Диссертатсияи Мамадкулова Рано Олимовна кори мустақилона буда, аз сохтори муназзам, пайдарҳамии мантиқӣ, навгониҳо ва хулосаҳои илмӣ иборат аст. Мазмуни матни автореферат бо диссертатсия комилан мувофиқ мебошад.

Натиҷа ва дастовардҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд, инъикос гардидааст.

Диссертатсияи Мамадқулова Рано Олимовна дар мавзуи «Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон (охири асри XX аввали асри XXI): шароитҳо ва хусусиятҳо» аз рӯйи натиҷаҳои ба даст омада, истифодаи амалӣ ва сифати вероиш ба талаботи муқаррарнамудаи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ сазовор аст.

Комиссияи экспертӣ чунин хулоса мекунад, ки диссертатсияи Мамадқулова Рано Олимовна дар мавзуи «Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон (охири асри XX аввали асри XXI): шароитҳо ва хусусиятҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ комилан мувофиқ аст.

Комиссияи экспертӣ вобаста ба масъалаҳои зикршуда чунин қарор мекунад:

1. Диссертатсияи Мамадқулова Рано Олимовна дар мавзуи «Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон (охири асри XX аввали асри XXI): шароитҳо ва хусусиятҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-024 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод мегарданд:

**а) Саидзода Зафар Шералӣ** – доктори илмҳои таърих, профессор, сарходими шуъбаи Иттиҳоди давлатҳои мустақили Институти омӯзиши

масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ;

**б) Қудратов Комрон Абдунабиевич -** номзади илмҳои таърих, дотсент мудири шуъбаи татбиқи натиҷаҳои илмии Институти илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳи сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар - Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав таъйин карда шавад.

4. Ба нашри автореферата диссертатсия ба микдори 100 нусха иҷозат дода шавад.

5. Барои ҷойгир кардани эълони ҳимояи диссертатсия дар сомонаи КОА назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сомонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи эксперта:**
доктори илмҳои таърих, профессор,
узви Шурои диссертатсионӣ Олимов М.А.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои таърих, профессор,
узви Шурои диссертатсионӣ Турсунов Т. Х.

доктори илмҳои сиёсӣ, дотсент,
узви Шурои диссертатсионӣ Муродова Н.С.

**«Тасдиқ мекунам»:**
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.
05. 07. 2025